«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И.
________________
«____» __05__________ 2024

**ХУЛОСАИ**

ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи **“Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)).

Диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи **“Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 03.01. 2023, қарори №5/9(а) тасдиқ шуда, дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики муассисаи зикршуда омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Азимов Ҷамшед Аслиддинзода, ки аз соли 2014 ин ҷониб дар вазифаи сардори шуъба ва баъдан раёсати таҳияи маводди имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст, бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷик қабул карда шудааст.

Диссертатсия дар заминаи нақшаи илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин

Айнӣ иҷро гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Диссертатсия мубрамии таҳқиқот, ҷанбаҳои педагогию психологӣ, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариявю амалии таҳқиқот, бахусус масъалаи таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) ва дар ин замина ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усули нав – санҷиши тестӣ ва арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои ИМД-ро дар бар мегирад.

Инчунин, дар диссертатсия қайд мегардад, ки тест ва ё санҷиши тестӣ маҷмуи метод ва раванди бамеъёрдаровардашуда (стандартишуда)-ест, ки барои арзёбии сифатӣ ва миқдории дастовардҳои имтиҳонсупор пешбинӣ гардидаааст. Методҳои анъанавии арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон, ки ҳоло дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ва чанд кишвари дигари ҷаҳон истифода мешаванд, ба талаботи меъёрҳои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ҷавобгӯ нестанд. Бо усулҳои анъанавии мавриди истифода имрӯз наметавон раванди санҷиш, баҳогузории воқеӣ ва моҳияти миқдориву сифатии дониш, малака ва маҳорати хонандагонро ба таври самаранок муайян ва таъмин намуд. Тест ҳамчун усули босифати арзёбӣ воқеиятро бо роҳи стандартикунонии раванди гузаронидани тест ва санҷиши натиҷаҳои саволу масъалаҳо ва тестҳо дар маҷмуъ ифода менамояд. Боэътимодии усули тестгузаронӣ дар он зоҳир мегардад, ки дониш ва малакаю маҳорати имтҳонсупорандагон дар шароити баробар, ҳам дар вақти санҷиш ва ҳам дар вақти баҳогузорӣ арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа омили инсонӣ – субъективизми имтиҳонгир аз байн меравад. Ҳамин аст, ки имрӯз дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тест ҳамчун абзори боэътимоди арзёбии дастовардҳои таълимӣ эътироф гардидааст. Тесте, ки мувофиқи меъёрҳои тестшиносӣ дуруст таҳия шудааст, маълумоти муфассали сифативу миқдориро дар бораи дастовардҳои таълимии хонандагон ва ё имтиҳонсупорандагон пешниҳод менамояд, тарафҳои қавӣ ва заифи дониш ва малакаю маҳорати онҳоро муайян карда, камбудиҳои дар таълими фан ҷойдоштаро равшан инъикос мекунад, инчунин дар такмили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ва пешрафти маънавиёти хонандагон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тести педагогӣ, марҳалаҳои таҳияи тест, таҳлили саволу масъалаҳо ва дар ин замина арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон (довталабон) аз ин ва ё он фанни таълимӣ, аз ҷумла забон ва адабиёти тоҷик, хеле муҳим аст.

Азимов Ҷамшед Аслиддинзода аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ), назария ва методикаи таълим ва тарбия (забон ва адабиёти тоҷик) имтиҳони минимуми номзадӣ супоридааст, ки натиҷаи онҳо чунин аст:

- таърих ва фалсафаи илм, рӯзи супоридан – 09.12.2022, баҳо – 5 (аъло);
- забони хориҷӣ (англисӣ), рӯзи супоридан – 12.06.2023, баҳо – 4 (хуб);
- назария ва методикаи таълим ва тарбия (забон ва адабиёти тоҷик), рӯзи супоридан – 19.04.2024, баҳо – 5 (аъло).

Диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи **“Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима гардидааст (қарори №10, аз 03.05.2024). Ба диссертатсия аз тарафи муқарризон (Б. Маҷидова, д.и.п., профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири факултети психологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Ш. Исломов, н.и.п., мушовири гимназияи хусусии “Донишвар”-и ш. Душанбе; Қ. Хоҷаев, д.и.п., профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; Х. Сайфуллоев, д.и.п., профессори кафедраи забони олмонии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) баҳои мусбат дода шуда, он ҳамчун кори баанҷомрасида ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Дар ҷаласаи зикршуда аз баррасии диссертатсия хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

- мундариҷа, муҳтаво ва номи мавзуъ ба ихтисоси он мутобиқат мекунад;
- мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, ворид намудани технологияи нави арзёбии сифати таҳсилот дар ҷумҳурӣ алоқаманд аст;
- теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад;
- санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имкони татбиқ намудани онҳо мавҷуд аст:
- саҳми бевоситаи довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ назаррас мебошад.

Кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва бандҳои зерини соҳаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад: фасли 1 – **Назария ва методикаи омӯзиш:** банди 1.1 – **Методологияи омӯзиши фанҳои**

**мушаххас** – ҳамкории назария ва методикаи омӯзиш бо соҳаҳои илм, техника ва фарҳанг; – робитаи мутақобилаи методҳои маърифати илмӣ ва таълимӣ; – рушди методҳои таҳқиқоти педагогӣ бо дарназардошти вижагиҳои соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот; банди 1.2 – **Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш** – коркарди ҳадафҳои омӯзиш мутобиқи тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии муосири рушди ҷомеа; банди 1.3 – **Муҳтавои омӯзиш** – коркарди консепсияҳои муҳтавои фанҳои таълимӣ дар дараҷаҳои гуногуни таҳсилот; – тарҳрезии муҳтаво, методҳо ва шаклҳои ташкилии омӯзиш дар шароити шаклтағйирдиҳӣ, иттилоотисозӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва таҳсилотӣ; банди 1.4 – **Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзишӣ** – коркарди талаботи методӣ ба насли нави адабиёти таълимӣ; – ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; – коркарди меъёрҳо ва мониторинги сифати таълими фанҳои омӯзишӣ.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда (206 номгӯй) ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 183 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 45 расм, 30 ҷадвал ва 3 замимаро дар бар мегирад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақолаи нашршуда, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 маҷмуа ва дастури методӣ, 5 маводди конференсияҳо, фишурдаҳо ва маърузаҳо, инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад.

**I. Мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

1. **Азимов Ҷ.А.** Арзёбии дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик / Ҷ.А. Азимов [Матн] // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4 (44). – С. 236-242.
2. **Азимов Ҷ.А.** Роҳҳои рушд додани тафаккури эҷодии хонандагон / Ҷ.А. Азимов, Н. Мирзоматов [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2018. – №1/1 (51). – С. 124-132.
3. **Азимов Ҷ.А.** Нишондиҳандаҳои асосии сифати тест ва саволу масъалаҳои тест / Ҷ.А. Азимов [Матн] // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – 2024. – № 1 (53). – С. 239-248.
4. **Азимов Ҷ.А.**, Матритсаи тест – ҷадвали мундариҷа ва фаъолиятҳо / Ҷ.А. Азимов, Ф.М. Сафарова [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – 2023. – № 2 (16). – С. 53-58.

**II. Мақолаҳои нашршуда дар нашрияҳои дигари илмию методӣ:**

1. **Азимов Ҷ.А.** Тартиби таҳияи саволу масъалаҳои тест / Ҷ.А. Азимов [Матн] // Маҷаллаи «Довталаб». Нашрияи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №1. – С. 110-124.

**III. Маҷмуа ва дастурҳои методӣ:**

1. **Азимов Ҷ.** Мачмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни адабиёти тоҷик (имтиҳони қисми А) / Дар ҳаммуалифӣ бо Х. Эҳсон // – Душанбе, 2025, – 132 с.
2. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (имтиҳони қисмҳои А ва Б) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзомуҳаммад, Ф. Латифов, А. Сабуров, Х. Эҳсон // – Душанбе, 2025, – 280 с.
3. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни адабиёти тоҷик (имтиҳони қисми А) / Дар ҳаммуалифӣ бо Х. Эҳсон // – Душанбе, 2024, – 132 с.
4. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (имтиҳони қисмҳои А ва Б) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзомуҳаммад, Ф. Латифов, А. Сабуров, Х. Эҳсон // – Душанбе, 2024, – 384 с.
5. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни адабиёти тоҷик (имтиҳони қисми А) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов, Ф. Латифов // – Душанбе, 2021, – 100 с.
6. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (имтиҳони қисми А) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов, Ф. Латифов // – Душанбе, 2021, – 272 с.
7. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов, Ф. Латифов // – Душанбе, 2020, – 224 с.
8. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷикӣ (қисми Б) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов, Ф. Латифов // – Душанбе, 2019, – 96 с.
9. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов // – Душанбе, 2018, – 160 с.
10. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (қисми Б) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов // – Душанбе, 2018, – 80 с.
11. **Азимов Ҷ.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (қисми Б) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов // – Душанбе, 2017, – 96 с.
12. **Ҷ. Азимов**. Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (қисми Б) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов // – Душанбе, 2016, – 40 с.
13. **Ҷ. Азимов.** Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) / Дар ҳаммуалифӣ бо Н. Мирзоматов // – Душанбе, 2015, – 88 с.

**IV. Маводди конференсияҳо, фишурдаҳо, маърузаҳо:**

1. **Азимов Дж.** Процесс разработки тестовых заданий централизованных вступительных экзаменов [Текст] / Соавторство Л.Б. Мансурова / VII

ежегодная международная конференция ЕАОКО «Оценка качества на разных уровнях образования». – Душанбе, – 2018.

**2. Азимов Дж.** Рост показателей по таджикскому языку как оценка достижений абитуриентов на централизованных вступительных экзаменах [Текст] / Соавторство Н. Мирзоматов / VII ежегодная международная конференция ЕАОКО «Оценка качества на разных уровнях образования». – Душанбе, – 2018.

**3. Азимов Ҷ.** Эссе – воситаи арзёбии дониш ва салоҳиятҳо [Матн] / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ф. Сафарова / Маводди 71-ум конференсияи байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино «Инноватсия дар тиб – аз илм ба амалия». – Душанбе, – 2023. – С. 592-593.

**4. Азимов Ҷ.** Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ: арзёбии дониши довталабон ва вазъи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Сборник научных трудов по материалам XVIII Международная научно-практическая электронная конференция «Язык. Образование. Культура», посвященная 89-летию КГМУ и Году семьи в России (20-24 мая 2024 г.). – Курск: Изд-во КГМУ. – 2024. – С. 189-194.

**5. Азимов Ҷ.** Усулҳои боэътимод ва муассири арзёбии сифати таҳсилот [Матн] / Дар ҳаммуаллифӣ бо Ф. Сафарова / Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ «Таҳсилоти муосир: мушкилоти сифати таҳсилот ва масъалаҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ». – Душанбе, – 2024. – С. 44-54.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи **Азимов Ҷамшед Аслиддинзодаро** дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ, (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи **Азимов Ҷамшед Аслиддинзодаро** дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик)(13.00.02.04 – Назария ва

методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ, (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса ва қарор дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 03.05.2024 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздӣ: **"тарафдор"** – 11 нафар, **"зид"** – нест, **"бетараф"** – нест.

**Раиси ҷаласа:**
д.и.ф., мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
факултети филологияи тоҷик — Қосимӣ Саъдӣ

Котиби илмӣ:
н.и.ф. муаллими калони
кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
факултети филологияи тоҷик — Турсунова Мунаввара

**"Имзои С. Қосимӣ ва М. Турсуноваро тасдиқ мекунам."**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.

Суроға:
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
Сомона: www.tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj